ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК: 347.237 (575.3)
ББК: 67.99 (2) 3 (2 т)
В – 79

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВОҲИДЗОДА ЗЕВАРШОҲ ГУЛАҲМАД

# ШАРТНОМАИ ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯ ДАР СОҲАИ СОҲИБКОРӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси: 12.00.03. – Ҳуқуқи граждан; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Душанбе 2021

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ**: | **Сангинов Дониёр Шомаҳмадович** – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор |
| **Муқарризони расмӣ**: | **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. |
| | **Тоҷибоев Шерозҷон Абдуҷабборович** – дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда**: | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия «21» сентябри соли 2021, соати 11. 00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «____» ___________ соли 2021 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар асоси моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад[1]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 иброз намудаанд, ки: «Ҳукумати мамлакат ҳамаи захираву имкониятҳоро барои таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, махсусан, истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва татбиқи "иқтисодиёти сабз", фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар кардааст»[2].

Дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сиёсати дохилӣ бояд ба коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар ба таҳдидҳои эҳтимолии беруна, ҷустуҷӯ ва таҳияи механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғли пурмаҳсул, дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва фазои мусоиди соҳибкорӣ равона карда шавад. Иқтидори иқтисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллӣ арзёбӣ гардад[3].

Дар ин замина бахри шароити мусоид фароҳам овардан ба рушди соҳибкорӣ дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ шакли фаъолияти қонунии бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба даст овардани фоида – фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) муқаррар карда шуд. Дар заминаи муқаррароти боби 52, моддаҳои 1058-1069-и Кодекси граждании Ҷумҳурии

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016. Душанбе: «Нашриёти Ганҷ». 2016. Саҳ.9.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 сол// Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯи Паёмҳо). – Хуҷанд: «Хуросон», 2019. Саҳ. 549.

[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016. Душанбе, 2016. Саҳ. 10.

Тоҷикистон ҳамчун шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ иҷозат дода шудааст[4].

Дар марҳилаи муосири иқтисодиёти бозоргонӣ муносибатҳои фаъолияти якҷоя васеъ паҳн шудаанд. Соҳибкорон шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)-ро барои муттаҳид сохтани қувва ва моликияти худ дар ҳалли масъалаҳои умумӣ истифода мебаранд. Шартномаи фаъолияти якҷоя ба дараҷае воситаи универсалӣ аст, ки имкон медиҳад тарҳи он ҳам дар соҳаи муомилоти гражданӣ ва ҳам дар соҳаи соҳибкорӣ татбиқ карда шавад, инчунин, барои ҳалли вазифаҳои дарозмуддат ва яквақта нигаронида шудааст. Чун қоида шартномаи фаъолияти якҷоя дар сохтмони муштараки бино, иншоот, корхона, роҳ, инчунин, биноҳои истиқоматӣ бо муттаҳид намудани ҳиссаҳои шарикон, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, баста мешавад. Вақте фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҳадафи фаъолияти якҷоя муайян шудааст, танҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ ё соҳибкорони инфиродӣ метавонанд ба сифати тарафҳои шартнома баромад кунанд. Иштирок дар шартномаи ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар ҳолате истисно мебошад, ки агар фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳадафҳои ташкили ташкилоти ғайритиҷоратӣ мухолифат накунад. Дар ҳолатҳои дигар барои тарафҳои шартнома ягон маҳдудият вуҷуд надорад. Яке аз ҳадафҳои асосии ташкили ширкати одӣ, албатта, ба даст овардани фоида аст. Фоидае, ки шарикон дар натиҷаи фаъолияти якҷоя мегиранд, мутаносибан ба арзиши саҳмияҳои шарикон дар кори умум тақсим карда мешавад, агар дар шартномаи фаъолияти якҷоя ё дигар созишномаи шарикон тартиби дигаре дарҷ нашуда бошад. Хусусияти фарқкунанда дар ин ҳолат таъсиси ширкати одӣ - бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба гирифтани фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст, дар ҳоле ки ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ шахсони ҳуқуқии мустақил мебошанд. Дар сурати бастани шартномаи фаъолияти якҷоя ба иштирокчиёни он зарур нест,

[4] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми II) аз 11 декабри соли 1999// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505; Қонуни ҶТ аз 3.05.2002 № 5, аз 29.04.2006 № 181, аз 3.12.2009 № 569, аз 21.07.2010 № 607, аз 03.07.2012 № 849, аз 22.07.2013 № 977, аз 2.01.2019 № 1558.

ки шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд, вақт, хароҷоти ташкилӣ ва молиявии марбут ба сабти ном ва бақайдгирии минбаъдаро бар дӯш гиранд. Аммо дар айни замон ширкати одӣ дорои тамоми имкониятҳои шахси ҳуқуқӣ мебошад, ҳамон доираи салоҳиятҳо ба амал бароварда мешаванд, ки баробари амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути истифодаи шакли шахси ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Дар баробари ин барои ташкили шахси ҳуқуқӣ як қатор амалҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, зарур аст.

Шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз шартномаҳои маъмултарин, ҳамзамон яке аз шартномаҳои аз ҷиҳати табиати ҳуқуқӣ мураккаб мебошад. Бо вуҷуди пурра танзимшаванда ба назар расидани институти ширкати одӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда на ҳамеша ба мо имкон медиҳанд, ки мушкилоти мубрами амалиеро, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи шарикон ба миён меоянд, ҳал намоем. Ба мушкилоти ҷойдошта дохил мешаванд: роҳ додани шарикон ба хатогиҳои зиёд ва ногузир дар баҳисобгирии фаъолияти якҷоя дар мавриди риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи баҳисобгирӣ; аксар вақт баррасии маҳдуди мавзӯи шартнома ва дар асоси он ба роҳ мондани иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, расонидани кумаки беподош ё ҷуброн, таъминоти мол ё маҳсулот; таснифоти шартномаи ширкати одӣ; муносибати иштирокчиёни пешбарандаи корҳои якҷоя бо шарикони дигар; тақсимоти амволи умумии шарикон пас аз қатъи шартнома; таносуби шартномаи ширкати одӣ бо дигар шартномаҳои монанд, ки барои мақсадҳои андозбандӣ махсусан муҳим аст: шартномаи ҳамкорӣ, шартномаи маблағгузории муштарак, шартномаи таъсисӣ; тартиби бекор кардани шартномаи шарикии одӣ. Мушкилоти дигар дар он аст, ки қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои «шартномаи фаъолияти якҷоя» ва «шартномаи ширкати одӣ»-ро ҳамчун муродиф меҳисобад, дар ҳоле ки дар доктринаи ҳуқуқи гражданӣ оид ба таносуби ин мафҳумҳо андешаҳои гуногун мавҷуданд (аз эътирофи дурусти муродиф будани ин мафҳумҳо то радди далели монандӣ доштану ба натиҷаи усули ҳуқуқӣ вобаста будани он).

Ҳолатҳои зикргардида мубрамии мавзӯъро муайян карда, барои интихоби он ҳамчун мавзӯи рисолаи номзадӣ асос гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи диссертатсия бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар чаҳорчӯбаи мавзӯи кори илмӣ

– таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъда – ДМТ) «Танзими шартномавӣ ва иҷроиши уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» барои солҳои 2016 – 2020 ба анҷом расонида шудааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ.** Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ҷанбаҳои умумии фаъолияти якҷоя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҳуқуқӣ дар асарҳои олимон Бадалов Ш.К., Бозоров Р.Б., Диноршоҳ А.М., Ғаюров Ш.К., Золотухин А.В., Исмоилов Ш.М., Қурбонов Қ.Ш., Маҳмудзода М.А., Меликов У.А., Мирбобоева Р.В., Мирзозода П.З., Муртазоқулов Ҷ.С., Ойгензихт В.А., Пулатов А.С., Раҳимзода М.З., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш. Сафарзода А.И., Тағойназаров Ш.Т. ва дигарон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд[5].

[5] Бозоров Р.Б. Инвестиции: Теория и правовое регулирование. Душанбе, 2020. 220 с.; Бозоров Р.Б. Инвестиционное право: Учебник. Душанбе, ТГНУ, 2008. 480 с.; Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 189 с.; Гаюров Ш.К. Сущность информации в частноправовом регулировании. В сборнике: Информация как объект гражданских прав предпринимателей. Материалы Международной научно-практической конференции. Сборник статей. Ответственные редакторы Г.Ф. Гараева, Т.И. Султонова, М.Е. Бегларян. 2018. С. 3449.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. 435 саҳ.; Ҳуқуқи гражданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. 320 с.; Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.; Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. Китоби дарсӣ/ Қ.Ш. Қурбонов, И. Ғ.Ғаффорзода. – Душанбе: «ЭР – граф», 2014. – 458 саҳ.; Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш.К. Тафсир ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.; Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности. Душанбе, Конуният, 1998. 186 с.; Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ /Зери таҳрири д.и.ҳ. Исмоилов Ш.М. – Душанбе, 2007. 200 саҳ.; Маҳкам Маҳмудзода. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф,

Дар коркарди масъалаҳои назариявии мафҳум, элементҳо, мазмун ва ҷавобгарии иштирокчиниёни шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) саҳми муҳимми худро дар маводи таълимӣ И.Ҳ. Бобоҷонзода,

2017. – 632 саҳ.; Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. 520 саҳ.; Меликов У.А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создании и распространении средств массовой информации. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Душанбе, 2010. 202 с.; Мирбобоева Р.В. Товарный знак как объект правовой охраны в Республике Таджикистан: современное состояние и перспективы. Монография. - Душанбе: «Сино», 2012. 192 с.; Мирзоев П.З. Внедоговорная ответственность государства за вред, причиняемый предпринимателям. Монография. - Душанбе: "Эр-граф", 2013. - 168 с.; Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи гражданӣ: маҷмӯаи масъалаҳо: дар 2 қисм. Қисми 1. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 212 саҳ.; Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи гражданӣ. Маҷмӯаи масъалаҳо, қисми-2. – Душанбе: «Полиграф-Групп», 2008. – 76 саҳ.; Ойгензихт В.А. Ибранные труды. - Душанбе: «Типография ТНУ», 2019. - 740 с.; Пулатов А.С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности иностранных хозяйствующих субъектов на территории Республики Таджикистан. Диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. - Душанбе, 2014. – 198 с.; Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе, МН «Дониш», 2019. – 557 с.; Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. 638 с.; Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: Китоби дарсӣ. - Душанбе: Деваштич, 2005. 408 саҳ.; Раҳимов М.З. Тафсири Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол». Душанбе: Шуҷоиён, 2011. 184 саҳ.; Самадов Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ, қисми 2. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 432 саҳ.; Samadov B.O., Sanginov D.Sh. Entrepreneurial Law/ Предпринимательское право. Худжанд: Ношир, 2019. 234 с.; Самадов Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 520 саҳ.; Sanginov D.SH., Mavlonazarov O.A., Shabonov Sh.S. Business Law. Textbook. – Dushanbe: TNU, 2020. - 132 p.; Сангинов Д.Ш., Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – 619 саҳ.; Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. – Душанбе: «Меҳрона 2017», 2019. – 424 с.; Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Андалеб-Р». 2015. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш. Шарифов И.М. Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 200 с.; Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Зери назари номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – 152 с.; Сафарзода А.И. Уголовно-правовоая охрана предпренимательской деятелности в Республике Таджикистан. – Душанбе, издательство «Сино», типография ТНУ. 2018. – 416 с.

Бадалов Ш.К.[6], Ф.С. Сулаймонов[7] ва М.З. Раҳимзода[8] гузоштаанд. Дар сатҳи диссертатсионӣ бошад, фаъолияти якҷояро аз нигоҳи ҳуқуқи сивилистӣ Бобоев У.Х.[9] таҳлил намудааст.

Олимони ҳуқуқшиноси хориҷӣ Илюшников С.М.[10], Мелник В.В.[11], Талчиков С.А.[12], Савелев А.Б.[13], Шукина Е.М.[14], Ястребов И.С.[15] оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) корҳои монографӣ ба анҷом расонидаанд.

---

[6] Бабаджанов И.Х., Бадалов Ш.К. Гражданское право в схемах (части первая, вторая и третья): Учебное пособие. – Душанбе, 2009. – 384с. (Совместная деятельность (простое товарищество), авторы Бабаджанов И.Х., Бадалов Ш.К. С.275-277).

[7] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «Эр-граф» 2014. – 424 саҳ. (Боби 24. Шартномаи ширкати оддӣ (фаъолияти якҷоя), муаллиф Сулаймонов Ф.М. Саҳ. 327-349).

[8] Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми II. Қитоби дарсӣ (нашри дуюм бо иловаҳо) // Зери таҳрири узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2007. 508 саҳ. (Боби 48. Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ), муаллиф Раҳимов М.З. Саҳ. 404-416); Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 2. Китоби дарсӣ // Зери таҳрири узви вобастаи АУ ҶТ, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: «АМРИ ИЛМ», 2003. – 500 саҳ. (Боби 48. Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ), муаллиф Раҳимов М.З. Саҳ.398-408).

[9] Бобоев У.Х. Организационно-правовые формы совместной хозяйственной деятельности: диссертация ... кандидата юридических наук: - 12.00.03. – Душанбе, 2004. – 185 с.

[10] Илюшников С.М. Простое товарищество в российском гражданском праве: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03 / Илюшников Сергей Михайлович; [Место защиты: Юж. федер. унт]. Краснодар, 2009. 194 с. (Москва, 2004. – 160 с.)

[11] Мельник В.В. Договор простого товарищества при строительстве многоквартирных домов: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 – Москва, 2004. – 160 с.

[12] Тальчиков С.А. Понятие и содержание договора простого товарищества в предпринимательской сфере: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03 / Тальчиков Сергей Александрович; [Место защиты: Рос. акад. правосудия]. – Москва, 2009. – 224 с.

[13] Савельев А.Б. Договор простого товарищества в российском гражданском праве: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03: - Москва, 2003. – 188 с.

[14] Щукина Е.М. Содержание и юридическая природа договора простого товарищества по российскому гражданскому праву: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03: – Москва, 2002. – 200 с.

[15] Ястребов И.С. Гражданско-правовое регулирование отношений, возникающих из договора простого товарищества: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03 / Ястребов Илья Сергеевич; [Место защиты: Всерос. гос. налоговая акад. Мва финансов РФ]. – Москва, 2007. – 178 с.

**Объекти тадқиқоти диссертатсионӣ** муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор меравад, ки дар ҷараёни амалигардонии фаъолияти якҷояи соҳибкорӣ аз ҷониби иштирокчиёни шартномаи ширкати одӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ** масъалаҳои механизми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, коркардҳои назариявӣ ва мулоҳизаҳои муҳаққиқон оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя мебошанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** муқаррароти бунёдии методи диалектикии маърифати падидаҳо ва равандҳои воқеияти аслӣ ташкил додаанд, ки омӯзиши онҳоро дар рушди доимиашон ва дар робитаи байниҳамдигарӣ тақозо менамоянд. Дар ҷараёни таълифи диссертатсия муаллиф методҳои умумиилмии таҳқиқот: муқоиса, таҳлил, методҳои маърифати таърихӣ ва дигар методҳои хусусии илмиро истифода кардааст, ки имкони ба таври бо низом нишон додани равияҳои асосӣ, хусусиятҳои назария ва амалияи шартномаи фаъолияти якҷояро фароҳам меоранд.

**Асосҳои меъёрии таҳқиқотро** муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ), қонунгузории соҳибкорӣ ва дигар сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти якҷоя ташкил додаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи шартномаи фаъолияти якҷоя дахл доранд. Аз ҷумла таълифоти илмии олимони зерин Бадалов Ш.К., Бобоев У.Х., Бобоҷонзода И.Ҳ., Бозоров Р.Б., Ғаюров Ш.К., Диноршоҳ А.М., Золотухин А.В., Илюшников С.М., Исмоилов Ш.М., Маҳмудзода М.А., Мелник В.В., Меликов У.А., Мирбобоева Р.В., Мирзозода П.З., Муртазозода Ҷ.С., Ойгензихт В.А., Пулатов А.С., Раҳимзода М.З., Савелев А.Б., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Сафарзода А.И., Сулаймонов Ф.С., Сотиволдиев Р.Ш., Тағойназаров Ш.Т., Талчиков С.А., Шукина Е.М., Ястребов И.С. мавзӯи мазкурро баррасӣ намудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти мазкур муайян ва ҳалли мушкилоти асосии назариявӣ ва амалии марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ), муайян кардани моҳияти ҳуқуқӣ ва нақши ин шартнома дар соҳаи соҳибкорӣ ва коркарди таклифу пешниҳодҳо мебошад.

Мутобиқи мақсади диссертатсия муаллиф **вазифаҳои зеринро** барои таҳлилу хулосабарорӣ пешниҳод кардааст:

1. омӯзиши бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя;

2. таҳлили муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд;

3. тавсифи муқоисавӣ-ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқаманд;

4. ошкор намудани мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷоя;

5. таҳқиқи ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя;

6. баррасии асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя;

7. аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани мақсад ва аҳамияти амалии ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз нуқтаи назари муаллиф ҷиҳати коркарди асосҳои назаривӣ ва амалии шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ ифода шудааст, ки бо роҳи муайян намудани бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя, ошкор намудани муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд, тафовут гузоштани шартномаи фаъолияти якҷоя аз дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқаманд, пешниҳоди мафҳум ва аломатҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, аниқ кардани ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, баррасии асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя ба даст омадаанд.

**Навгонии хулосаву пешниҳодоти муаллиф дар муқаррароти зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ифода шудааст:**

1. Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) яке аз шаклҳои қадимаи уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар низоми муосири ҳуқуқӣ дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳимро ишғол намуда, имкон медиҳад, ки ҳамкории мураккаби субъектҳои соҳибкорӣ баҳри расидан ба мақсади умумӣ таъмин карда шавад. Бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ шартномаи фаъолияти якҷоя низ воситаи ҷудонашавандаи ноил шудан ба самараи хоҷагидорӣ боқӣ монд. Яке аз ҷанбаҳои асосии амалӣ ва ҳуқуқии марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя мақсадест, ки баҳри он субъектҳои хоҷагидорӣ ба ширкати одӣ муттаҳид мешаванд. Маҳз ин хусусият мақсади таъсиси ширкати оди-

ро аз ҳама гуна воситаҳои дигари якҷоякунии амвол, амонатҳо ва ғайра фарқ мекунонад. Мақсадҳои зерини умумии шариконро ҷудо кардан мумкин аст: а) фаъолияти соҳибкорӣ; б) фаъолияти сармоягузорӣ; в) мақсадҳои ғайритиҷоратӣ.

2. Шартномаи фаъолияти якҷоя воситаи танзимнамоии фаъолияти соҳибкории иттиҳоди соҳибкорӣ мебошад, ки шарикони он дар фаъолияти якҷоя саҳм гузошта, ҳуқуқ доранд аз ин фаъолият натиҷаҳои моддӣ ва дар баъзе ҳолатҳо қаноатмандии мутақобила ба даст оранд. Иттиҳоди соҳибкорӣ субъекти дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ набуда, аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ таъсис дода мешавад ва дар асоси принсипҳои риояи манфиатҳои тиҷоратӣ ва нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқии иштирокчиён баҳри мунтазам ба даст овардани фоида бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва самтҳои асосии тиҷорати иштирокчиён фаъолият менамояд. Ҳангоми муайян кардани мақоми иттиҳоди соҳибкорӣ усули системавӣ истифода мегардад, ки барои иқтисодиёти кишвар дар рушди муносибатҳои бозоргонӣ баҳри баинобатгирии хусусиятҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин иттиҳодияҳо аз ҷониби соҳаҳои қонунгузории граждани, андоз ва зиддиинҳисорӣ зарур аст.

3. Шартномаи фаъолияти якҷоя на танҳо муносибатҳои молу мулкиро ба танзим медарорад, балки муносибатҳои байни иштирокдоронро низ муайян мекунад ва дар ин асно сохтори корпоративии дохилиро ба вуҷуд меорад, ки шахси ҳуқуқӣ набуда, иттиҳоди бо шартнома танзимшудаи монанд ба сохтори ташкилот аст. Ширкати одӣ ҳамчун иттиҳоди соҳибкорӣ бо мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии дохилӣ байни шарикон ва муносибатҳои берунии ҳуқуқӣ байни ширкати одӣ ва шахсони сеюм тавсиф карда мешавад.

4. Мутобиқ кардани қонунгузорӣ оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя ба созишномаҳои истифодаи муштараки молҳо ва хизматҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Шартномаи фаъолияти якҷоя бо ин созишномаҳо мушобеҳ нест, зеро дар созишномаҳо оид ба истифодаи муштараки молҳо ва хизматҳо ягон мақсади умумие вуҷуд надорад. Дар навбати худ шартномаи фаъолияти якҷоя дар аввал маҳсулоти ягонаи моддӣ (молҳо, хизматҳо) надорад, ки мавриди истифодаи муштарак қарор дода шавад. Барои бастани шартномаи фаъолияти якҷоя ва намудҳои он модели классикии ташкили робитаҳои шартномавӣ истифода мешавад. Баръакси он барои бастани созишномаҳо дар бо-

раи истифодаи муштараки молҳо ва хизматҳо дар бисёр ҳолатҳо миёнаравҳо байни тарафҳо истифода мешаванд. Шартномаи шарикии одӣ ду намуди муносибати ҳуқуқиро ба миён меорад: уҳдадорӣ ва ашёӣ. Зеро молу мулки саҳмгузоштаи шарикон, ки ба онҳо дар асоси моликият тааллуқ доранд, инчунин, маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти якҷоя истеҳсолшуда ва самараю даромадҳое, ки аз чунин фаъолият ба даст оварда шудаанд, ҳамчун молу мулки муштараки шарикон эътироф карда мешаванд.

5. Шарикон дар шартномаи фаъолияти якҷоя дорои чунин уҳдадориҳои ҳатмӣ мебошанд: барои ноил шудан ба мақсади умумӣ муттаҳид шаванд - ба даст овардани фоида ё ба даст овардани мақсади дигаре, ки хилофи қонун намебошад; амалҳои шахсиро иҷро кунанд ва бо иштироки шахсӣ дар расидан ба мақсади умумӣ саҳм гузоранд; барои ноил шудан ба мақсад саҳм гузоранд; масъулияти талафот ва хароҷотро аз фаъолияти якҷоя бар дӯш гиранд, фоида ва ё зарарро байни худ тақсим кунанд.

6. Шарики собиқи ширкати одӣ дорои як қатор хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ мебошад: ҳуқуқи талаб кардани баргардонидани саҳм дар лаҳзае ба миён меояд, ки шарик дар бораи қатъ намудани шартнома муроҷиат намудааст ва шарикони боқимонда бояд ин ухдадориро дар давоми се моҳ иҷро кунанд; шарики собиқ на танҳо хароҷоти ба зимма гирифташударо ҳангоми иштирок дар шартнома бар дӯш мегирад, инчунин, вай ба як қисми фоидае, ки шарикон дар давраи иштирокашон дар фаъолияти якҷоя гирифтаанд, ҳуқуқ дорад; тартиби баромадани шарик аз ширкати одӣ метавонад бо созишномаи дахлдори байни ӯ ва шарикони дигар танзим карда шавад. Агар созишнома тартиб дода нашуда бошад, он гоҳ шарик, ки рад кардани иштироки минбаъдаро дар шартнома эълон кардааст, пас аз се моҳ баровардашуда ҳисобида мешавад (агар дар шартнома муҳлати кӯтоҳтар муқаррар нашуда бошад); шарики собиқ барои уҳдадориҳои умумие, ки то лаҳзаи даст кашидан аз иштирок дар шартнома ба миён омадааст, масъулият дорад.

7. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯи баррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

7.1. Моддаи 1058 КГ ҶТ дар таҳрири нав бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1058. Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)

1. Ширкати одӣ дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя таъсис дода мешавад. Тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки барои ба даст овардани фоида ё ба даст овардани мақсади дигаре, ки хилофи қонун намебошад, якҷоя фаъолият кунанд. Ширкати одӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад.

2. Шартномаи фаъолияти якҷоя байни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ (консорсиум) баста мешавад.

3. Тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, ки барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ баста мешаванд, танҳо соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ буда метавонанд.

4. Ӯҳдадориҳои шарикони ширкати одӣ дар назди шахсони сеюм, ки бо шартномаи фаъолияти якҷоя алоқаманданд, муштарак мебошад, агар дар шартномаи фаъолияти якҷоя тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

5. Шартномаи фаъолияти якҷоя бояд хаттӣ баста шавад».

7.2. Ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1067 (1) бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1067 (1). Додани ҳуқуқ ва даст кашидан аз иштирок дар фаъолияти якҷоя

1. Додани ҳуқуқ барои иштирок дар фаъолияти якҷоя танҳо бо розигии иштирокчиёни шартномаи фаъолияти якҷоя мумкин аст.

2. Иштирокчии шартномаи фаъолияти якҷоя ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз иштирок дар фаъолияти якҷоя даст кашад.

3. Зарари иштирокчиён, ки дар натиҷаи даст кашидани ҳар яки онҳо аз иштирок дар фаъолияти якҷоя ба амал омадааст, агар дар шартномаи фаъолияти якҷоя тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, пурра рӯёнида мешавад».

7.3. Ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1069 (1) бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1069 (1). Консорсиум

1. Консорсиум иттифоқи (иттиҳоди) муваққатӣ, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи дар асоси шартномаи фаъолияти якҷояи хоҷагидорӣ таъсисдодашуда мебошад, ки дар он шахсони ҳуқуқӣ захираҳои муайянро муттаҳид намуда, кӯшишҳоро барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси иқтисодӣ ҳамоҳанг мекунанд.

2. Аъзои консорсиум мустақилияти хоҷагии худро нигоҳ медоранд ва метавонанд дар фаъолияти дигар консорсиумҳо ва

ассотсиатсияҳо ширкат варзанд. Муносибати байни аъзои консорсиум дар асоси шартномавӣ ташкил карда мешавад.

3. Идоракунии консорсиум тибқи созишномаи консорсиуми иштирокчиёни он амалӣ карда мешавад.

4. Иштирокчиёни консорсиум аз рӯи уҳдадориҳои марбут ба фаъолияти консорсиум, агар дар созишномаи консорсиум тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, масъулияти муштарак доранд.

5. Консорсиум фаъолияти худро пас аз иҷрои вазифаи таъйиншуда ё бо қарори иштирокчиёни он қатъ мекунад».

7.4. Ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1069 (2) бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1069 (2). Ширкати махфӣ (хомӯшона)

1. Бо шартномаи фаъолияти якҷоя метавонад пешбинӣ шавад, ки мавҷудияти он ба шахсони сеюм ошкор карда намешавад (ширкати махфӣ). Ба чунин шартнома қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин боб оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя татбиқ карда мешаванд, агар тартиби дигар мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти ширкати махфӣ барнаояд.

2. Дар муносибат бо шахсони сеюм ҳар кадоме аз шарикони ширкати махфӣ бо кулли молу мулки худ аз рӯи аҳдҳо, ки аз номи худ ба манфиати умумии шариконаш бастааст, ҷавобгар мебошанд.

3. Дар муносибатҳои байни шарикон уҳдадориҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи онҳо ба миён меоянд, умумӣ дониста мешаванд».

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада ва пешниҳодоти дар ҳамин асос ҳосилшуда ба такмили механизми шартномаи фаъолияти якҷоя мусоидат мекунанд.

Маводи диссертатсия метавонад ба ҳайси асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ, барои тадриси фаннҳои таълимии «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», инчунин, курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ истифода гардад.

**Апробатсияи (тасвиби) натиҷаҳои таҳқиқот ва иттилоъ дар бораи истифодаи онҳо.** Диссертатсия якчанд маротиба дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима шуда, ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 002-и назди ДМТ тавсия шудааст.

Мулоҳизоту хулосаҳои муҳим ва муқаррароти асосии он аз ҷониби диссертант ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «Ҳуқуқи энергетикӣ» ба донишҷӯён истифода шудаанд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодоти муаллиф дар ҳаҷми умумии 3,57 ҷузъи чопӣ дар 13 мақола инъикос ёфтаанд, ки 5-тои он (1,22 ҷузъи чопӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашр гардидаанд.

Маводи таҳқиқот, инчунин, дар маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ, васоити ахбори омма ва интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз соли 2016 ба ин тараф дар конфронсҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшинсоии ДМТ ва чорабиниҳои илмии зерин: конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Рушди энергетикаи муътадил дар солҳои Истиқлолият» бахшида ба Рӯзи энергетикон ва 10-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (ноҳияи Бохтар, вилояти Хатлон 22-23 декабри соли 2016); конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» (шаҳри Душанбе, 25 ноябри соли 2016); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 16-уми ноябри соли 2017); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, 18-уми майи соли 2018); конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» (шаҳри Душанбе, 24-уми апрели соли 2019); семинари ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 24 ноябр (шаҳри Душанбе, 24-уми ноябри соли 2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (шаҳри Душанбе, 8-уми октябри соли 2020) ва ғайра манзур шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Дар раванди таҳқиқот диссертант ба таври комплексӣ проблемаҳои шартномаи фаъолияти якҷояро тибқи қонунгузории ҶТ ба таҳлил гирифта, аҳамияти назарраси онро асоснок намуда, мафҳумҳои асосии мавзӯи диссертатсияро шарҳ дода, дастовардҳо ва норасоиҳои татбиқи меъёрҳои дахлдорро ошкор кардааст ва ҷиҳати такмили механизми шартномаи фаъолияти якҷоя таклифу андешаҳои худро пешниҳод намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** вобаста ба ҳадафи пешгузошташуда ва зарурати ҳалли вазифаҳои мушаххаси таҳқиқоти мазкур тартиб ёфтааст. Диссертатсия аз муқаддима**,** ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 166 саҳифаро дар бар мегирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Таъминоти ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)»** муаллиф масъалаҳои бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя, муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд ва тавсифи муқоисавӣ-ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқамандро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби якум «**Бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя»** рисоланавис қайд менамояд, ки бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) яке аз шаклҳои қадимаи уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар низоми муосири ҳуқуқӣ дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳимро ишғол намуда, имкон медиҳад, ки ҳамкории мураккаби субъектҳои соҳибкорӣ баҳри расидан ба мақсади умумӣ таъмин карда шавад.

Муаллиф дар боби мазкур заминаҳои пайдоиш ва рушди шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)-ро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки аввалин маротиба падидаи мазкур дар ҳуқуқи хусусии римӣ

пайдо шудааст ва олимон дар ҳуқуқи классики римӣ ду намуди ширкатро ҷудо мекунанд. Дар идомаи рисола муаллиф инкишофи падидаи мазкурро дар Юнони Қадим омӯхта қайд менамояд, ки дар онҷо низ шарикӣ институти ҳуқуқии паҳнгардида буд. Дар Афина бисёртар иттиҳодияҳои шаҳрвандон, ки байни худ бо шартномаи шарикӣ алоқаманд буданд, паҳнгашта буд.

Дар ҷараёни омӯзиши заминаҳои таърихии падидаи мазкур, рисоланавис қайд менамояд, ки ширкат дар замонҳои қадим дар давлатҳои шарқ маълум буд. Агар мо ба замонҳои қадим баргардем мебинем, ки ширкат мутобиқи матнҳои ҳуқуқии Ҳамурапӣ дар давраи салтанати Бобул дар қаламрави Ироқи имрӯза ташкил шудааст. Аз чилу чор моддаи марбут ба шартномаҳои тиҷорӣ ҳашттоаш ба созишномаи шарикӣ бахшида шудааст. Инчунин, чунин намуди шартнома низ дар Мисри Қадим мавҷуд буд, ки иштирокчиён воситаҳои худро барои ба даст овардани ин ё он мақсади умумии моддӣ муттаҳид менамуданд. Дар асоси таҳлили бавуҷудоии институти фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳуқуқи бисёре аз давлатҳо ва халқҳои қадимаи ҳам ғарб ва ҳам шарқ муносибати шарикиро танзим менамуд, ки ба хусусиятҳои анъанавӣ вобастагӣ доштанд.

Дар давоми зербанди мазкур муаллиф татбиқи падидаи мазкурро дар Тоҷикистон дар ду марҳила – шуравӣ ва пасошуравӣ таҳлил намудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки дар КГ ҶШФСР аз 31 октябри соли 1922 моддаҳои 276-366-и зербобҳои 10.1. (Ширкати одӣ), 10.2. (Ширкати комил), 10.3. (Ширкати ба боварӣ асосёфта), 10.4. (Ширкати дорои масъулияти маҳдуд), 10.5. (Ҷамъияти саҳҳомӣ - Ширкати ҳиссагӣ) -и боби 10 (Ширкат)-и фасли 3 (Ҳуқуқи уҳдадорӣ) пурра ба ширкатҳо бахшида шуда буд. Дар асоси моддаҳои 276-294-и зербоби 10.1 ҳолати ҳуқуқии ширкати одӣ муқаррар шудааст. Мутобиқи моддаи 276 КГ ҶШФСР тибқи шартномаи ширкат ду ва ё зиёда шахс дар назди ҳамдигар уҳдадор мешаванд, ки саҳмҳои худро якҷоя кунанд ва барои расидан ба мақсади умумии хоҷагӣ якҷоя амал кунанд. Дар асоси моддаи 281 КГ ҶШФСР бошад, пешбурди кори ширкат бо розигии умумии ҳамаи шарикон гузаронида мешаванд.

Инчунин, муаллиф ишора ба он менамояд, ки дар заминаи таҳлили муқаррароти КГ ҶШС Тоҷикистон соли 1963 ва андешаи олимон бо назардошти он, ки бастани шартномаи фаъолияти якҷояи хоҷагӣ байни шаҳрвандон ва ташкилотҳои сотсиалистӣ манъ карда

шуда буд, ду намуди шартномаи фаъолияти якҷоя бо қонунгузорӣ иҷозат дода шуда буд: шартномаи фаъолияти якҷоя танҳо байни шаҳрвандон ва шартномаи фаъолияти якҷоя танҳо байни ташкилотҳои сотсиалистӣ.

Қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999 ва дар моддаҳои 1058-1069-и боби 52-и он ҷойгир намудани муқаррарот оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) ба рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт. Аҳамияти шартномаи мазкур дар он ифода меёбад, ки вай ягона шартномае дар Кодекси граждани мебошад, ки фаъолияти якҷояро ба танзим медарорад. Чунин фаъолият барои ноил шудан ба ҳамагуна мақсади қонуни равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)-ро таҳлил намуда, зарур аст иброз намоем, ки шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) яке аз шаклҳои қадимаи уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар низоми муосири ҳуқуқӣ дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳимро ишғол намуда, имкон медиҳад, ки ҳамкории мураккаби субъектҳои соҳибкорӣ баҳри расидан ба мақсади умумӣ таъмин карда шавад.

**Дар зербоби дуюми боби якум “Муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд”** муаллиф қайд менамояд, ки шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба ширкати одӣ муттаҳид шуда, дар чаҳорчӯбаи иттиҳодияи мазкур фаъолияти якҷояро амалӣ мегардонанд, ки мавзӯи шартномаро ташкил медиҳад ва аз гуруҳи майяни муносибатҳо иборат мебошад. Дар асоси таҳлили заминаҳои ҳуқуқии бавуҷудоии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) муаллиф ба хулосае омадааст, ки ин шартнома имконияти беҳтарини ҳуқуқӣ барои соҳибкорон ҷиҳати васеъ намудани доираи фаъолияти худ, кам кардани хароҷот ва зиёд намудани даромад буда, усули самаранок ва муосири ҳамкорӣ барои рушди соҳибкорӣ аст. Рисоланавис қайд менамояд, ки дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ баъзан кувваи як шахс барои ҳалли ин ё он вазифа басанда нест, аз ин рӯ роҳи ҳалли мушкилот фаъолияти якҷояи ду ва ё зиёда шахс мегардад. Бинобар ин шартномаи фаъолияти якҷоя воситаи танзимнамоии фаъолияти соҳибкории иттиҳоди соҳибкорӣ мебошад, ки шарикони он дар фаъолияти якҷоя саҳм гузошта, ҳуқуқ доранд аз ин фаъолият натиҷаҳои моддӣ ва дар баъзе ҳолатҳо - қаноатмандии мутақобила ба даст оранд. Иттиҳоди соҳибкорӣ субъекти дорои мақоми шахси

ҳуқуқӣ надошта, дар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ таъсис дода шуда, дар асоси принсипҳои риояи манфиатҳои тиҷоратӣ ва нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқии иштирокчиён баҳри мунтазам ба даст овардани фоида бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва самтҳои асосии тиҷорати иштирокчиён фаъолият менамояд. Ҳангоми муайян кардани мақоми иттиҳоди соҳибкорӣ усули системавӣ истифода мегардад, ки барои иқтисодиёти кишвар дар рушди муносибатҳои бозоргонӣ баҳри баинобатгирии хусусиятҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин иттиҳодияҳо аз ҷониби соҳаҳои қонунгузории гражданӣ, андоз ва зиддиинҳисорӣ зарур аст.

Дар зербоби сеюми боби якум “**Тавсифи муқоисавӣ-ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқаманд**” муаллиф ба он ишора менамояд, ки шартномаи фаъолияти якҷоя аксар вақт дар амалияи тиҷоратӣ истифода мешавад. Ҳадафи бастани чунин шартнома ҳам муттаҳид сохтани кӯшишҳо ва маблағҳои соҳибкорон ва ҳам оптимизатсияи андозбандӣ мебошад. Рисоланавис қайд менамояд, ки тарҳрезии қонунгузорӣ, ки мафҳумҳои шартномаи ширкати одӣ ва шартномаи фаъолияти якҷояро дар бар мегирад, барои бисёр мубоҳисаҳои илмӣ замина гузошт. Аз ҷумла дар робита байни таносуби мафҳумҳои шартномаи ширкати одӣ ва шартномаи фаъолияти якҷоя ҳадди ақал се мавқеъ мавҷуданд: шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя ва ширкати одӣ ҳамманоянд, шартномаи фаъолияти якҷоя нисбат ба шартномаи ширкати одӣ мафҳуми васеътар аст ва шартномаи фаъолияти якҷоя ва шартномаи ширкати одӣ аз ҷиҳати мазмун гуногун мебошанд.

Дар давоми рисола муаллиф тавсифи муқоисавӣ-ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқамандро ба анҷом расонида, баён менамояд, ки аломатҳои зерини фарқкунандаи шартномаи ширкати одӣ аз дигар шартномаҳои фаъолияти якҷоя вуҷуд доранд: ширкати одӣ танҳо дар асоси шартномае, ки аз ҷониби ҳама иштирокчиён имзо гузошта мешавад таъсис дода мешавад. Дигар иттиҳодияҳо метавонанд дар асоси қарори мақомоти дахлдор таъсис дода шаванд; ба ширкати одӣ ворид шуда, шахси ҳуқуқӣ иштирокчии комилҳуқуқи муомилоти гражданӣ боқӣ мемонад.

Дар асоси таҳлили анҷомдода баҳри такмили қонунгузорӣ ба КГ ҶТ, муаллиф илова намудани моддаи 1069 (1) ки дар он масоили тан-

зими фаъолияти консорсиум ва ширкати махфӣ ба танзим даровварда шаванд, пешниҳод менамояд.

